# ХУЛОСАИ
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-038 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос (*қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023 №295*)

Парвандаи аттестатсионии №________________________
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 20 августи соли 2026, №32

Барои сазовор донистани Мирзозода Сулаймон Мадислом (Мирзоев Сулаймон Мадислом), шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника.

Диссерататсияи Мирзозода Сулаймон Мадислом дар мавзуи «Захираи растаниҳои шаҳддори минтақаи Кӯлоб, ҳифз ва истифодаи оқилонаи онҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника ба ҳимоя қабул карда шуд, протоколи №26 аз 21.05.2026, шурои диссертатсионии 6D.КОА-038-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: 734025, www.tnu.tj, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, 30 июни соли 2021, №267 ва бо тағйиру иловаҳо аз 06.09.2024, таҳти №318/шд.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Мирзозода Сулаймон Мадислом 17-уми августи соли 1989 таваллуд шудааст, миллаташ тоҷик, маълумоташ олӣ мебошад.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ соли 2012 Донишгоҳи давлатии Кӯлобро аз рӯйи ихтисоси биология - химия касби “Биолог-омӯзгор” хатм намудааст. Пас аз хатми донишгоҳи номбурда барои идомаи таҳсил соли 2015 ба шуъбаи магистратураи Маркази илмии Хатлони АМИТ аз рӯйи ихтисоси ботаника дохил шуда, соли 2017 зинаи мазкурро таҳти №0000183 аз рӯйи ихтисоси ботаника хатм намудааст.

Мирзозода Сулаймон Мадислом бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб таҳти №1455 аз 29.09.2018 ба ҳайси докторант (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D011300 - Биология (6D060718 – Ботаника) дар кафедраи биология ва методикаи таълими он қабул гардида, соли 2021 тибқи фармоиши №205 аз 27.09.2021 хатм намудааст.

Аз 1-уми сентябри соли 2016 то ҳол ба ҳайси омӯзгори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб кору фаъолият карда истодааст.

Диссертатсия дар кафедраи биология ва методикаи таълими они факултети химия ва биологияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Мадаминов Абдулло Асрақулович** – номзади илмҳои биологӣ, дотсент, мудири лабораторияи экология ва захираи растаниҳои Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муқарризони расмӣ:**

**Мамадризохонов А.А.** – доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи ботаника ва экологияи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба М. Назаршоев.

**Кароматуллои Қурбоналӣ** – номзади илмҳои биологӣ, дотсент, декани факултети биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

Дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз тарафи муқарриз, доктори илмҳои биологӣ, мудири кафедраи ботаникаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Бобозода И.А. тақриз бо имзо ва мухр аз тарафи ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ д.и.т., профессор Ибодуллозода А.И. тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки кори диссертатсионии Мирзозода Сулаймон Мадислом аз рӯйи муҳиммият, навгонии илмӣ, ҳаҷм ва сифати вазифаҳои иҷрошуда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастоварда, саҳеҳият ва асоснокунии хулосаҳо ба талаботи боби 3, фаслҳои 31, 33, 34-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва бо тағйиру иловаҳо аз 06.09.2024, таҳти №318/шд тасдиқ гардида, барои рисолаҳои номзадӣ пешниҳод гардидааст, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника ҷавобгӯ мебошад.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ 12 интишори илмӣ, аз ҷумла онҳо ба мавзуи диссертатсия 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда чопшуда дорад, инчунин як дастури методӣ, маводи конференсияҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалӣ нашр намудааст.

I. **Таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия**. Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандае, ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия намудааст:

**I. Дастури методӣ.**

**[1-М] Мирзоев С.М.** Нақши растаниҳои шаҳддор дар ҳаёти занбӯри асал. / С.М. Мирзоев, Б.Ҷ. Бобоев, Д.Э. Ҳисайнов, С.Ҷ. Шоева // Кӯлоб, 2024. – 139 с.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.**

**[2-М] Мирзозода С.М.** Истифодаи устувори захираҳои растаниҳои шаҳддиҳанда самти муҳим дар таъмини амнияти озуқаворӣ дар мамлакат / М.С. Мирзозода, Д.Э. Ҳисайнов, А.С. Ҳакимова // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон. - 2024. - № 4 - С. 228 - 233. **[3-М] Мирзозода С.М.** Растаниҳои шаҳддори ноҳияи Муъминобод ва аҳамияти

онҳо барои соҳаи занбӯриасалпарварӣ дар ин минтақа / **Мирзозода** С.М. // Илм ва Фановарӣ Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.- 2025 - №1 - С. 295 - 299.

**[4 - М] Мирзозода С.М.** Хусусияти биоморфологӣ ва пахншавии баъзе растаниҳои заҳрноки алафзори табиии Тоҷикистони ҷанубӣ / Д.Э. Ҳисайнов, М.С. Мирзозода, А.С. Ҳакимова, Мадаминов А.А // Илм ва Фановарӣ. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.- 2026. - №1 - С. 229 - 238.

**III. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:**

**[5-М] Мирзоев С.М.** Тавсифи биологию экологии растаниҳои лӯбиёгии ёбоӣ (худрӯй) / Д.Э. Ҳисайнов, С.А. Холов, А. Намозов, С.М. Мирзоев // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон .- 2022. - №3 - С. 213 - 217.

**[6-М] Мирзоев С.М.** Растаниҳои шаҳддори н. Муъминобод ва ҷойгиршавии онҳо дар минтақаҳои гуногуни он / **С.М. Мирзоев** // Хусусиятҳои экологии гуногунии биологӣ: Маводи конференсияи X-уми байналмилалии(ш. Душанбе, 3-4 октябр 2023с.) Душанбе, 2023.-С. 28 - 29.

**[7-М] Мирзоев С.М. Ресурс медоносных растений южного Таджикистана / С.М. Мирзоев.** // "Хусусиятҳои экологии гуногунии биологӣ: Маводи конференсияи IX-уми байналмилалии (ш. Душанбе,7-8 октябр 2021с.) - Душанбе, 2021.-С. 144 - 146.

**[8-М] Мирзозода** С.М. Растании мунҷ ва хусусиятхои биологию экологии он / Д.Э. Ҳисайнов, С.М. **Мирзозода, Ҳакимова А. //** Таъсири омилҳои экологӣ ва тағйирёбии иқлим: Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - назариявӣ (ш. Кӯлоб, 20 декабр 2024 с.) Кӯлоб, 2024. - С. 140 - 142.

**[9-М] Мирзоев С.М. Нерӯи биологии растаниҳои шаҳддиҳандаи минтақаи Кӯлоб ва масъалаҳои истифодабарии оқилонаи онҳо / С.М. Мирзоев.** // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон. - 2023. №2(18). - С. 140 - 144.

**[10-М] Мирзоев. С.М.** Ҳудудҳои махсус муҳофизатшавандаи табиии Ҷумҳурии Тоҷикистон // С.М. Мирзоев, Д.Э. Ҳисайнов // Саҳми Пешвои миллат дар рушду нумуи илмҳои табиию риёзӣ:Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ (ш.Кӯлоб, 15 декабр 2023.) - Кӯлоб,2023.- С. 69 – 72.

**[11-М] Мирзоев. С.М.** Хусусиятҳои биологию экологии мунҷ // Д.Э. Ҳисайнов, С.М. Мирзоев, С.А. Холов, А. Намозов // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон.- 2021.- №3 - 4 (11 - 12). - С. 421 - 423.

**[12-М] Мирзоев С.М.** Разнообразие бобовых растений, их использование в реконструкции пастбищ Таджикистана // А.А. Мадаминов, Д. Мирзоев, Н. Азимова, М.С. Мирзоев // Мат-лы конф: Адаптация живых организмов к условиям среды. (г. Душанбе, 2019.) - г. Душанбе, 2019. - С. 142 - 144.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризхо ворид шудаанд:**

1. Доктори илмҳои кишоварзӣ, профессори кафедраи парандапарварӣ ва занбуриасалпарварии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шотемур Шарипов А. Дар тақриз эрод нишон дода нашудааст.

2. Номзади илмҳои биологӣ ходими пешбари Институти биологии Помир ба номи академик Х.Ю. Юсуфбекови АМИТ, директори боғи ботаникии Помир А.Х. Бекназарова. Дар тақриз эрод нишон дода нашудааст.

3. Номзади илмҳои биологӣ, дотсенти кафедраи биология ва методикаи таълими он Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров Ашурзода С.Х. Тақриз эрод надорад.

4. Номзади илмҳои биологӣ ходими калони илмии шӯъбаи захираҳои сабзавотӣ,полезӣ,дарахтони мевадиҳанда ангур ва растаниҳои шифобахши Маркази миллии захираҳои генетикии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон Муродов Ш.С. Дар автореферат як камбудӣ оварда шудааст.

- Дар автореферат баландии аз сатҳи баҳри растаниҳои шаҳддори минтақаи Кӯлоб оварда нашудааст ва инчунин бо кадом методика зичии растаниҳои шаҳддоромуайян кардед.

Дар тақризҳо муҳиммияти мавзуи кори диссертатсионӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалии натиҷаҳои бадастомада дарҷ гардидаанд. Инчунин кори диссертатсионии Мирзозода С.М. таҳқикоти ба анҷомрасидаи тахассусии илмие мебошад, ки ба ихтисоси 6D060718 – Ботаника мувофиқат мекунад ва муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос мебошад. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо нисбат ба соҳаи ботаника ба дастовардҳои хуб ноил гаштаанд, дар ин соҳа корҳои илмӣ ва аз рӯйи мавзуи интихобшуда таълифотҳои илмӣ доранд, аз ин лиҳоз ба кори диссертатсонӣ оид ба мубрамияти мавзуъ, навоварии илмӣ ва аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастомада баҳои холисона дода метавонанд.

Интихоби муқаризони расмӣ аз рӯйи ихтисоси баррасишаванда буда, мутахассисони варзидаи соҳаи ботаника мебошанд. Муассисаи пешбар яке аз муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии кишвар ба шумор рафта дар он мутахассисони варзидаи соҳаи ботаника ба кору фаъолияти илмӣ машғул мебошанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад,** ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:

**коркард карда шуд:** Бори аввал омӯзиши ҳамаҷонибаи таркиби намуд ва таҳлили экологию биологии растаниҳои шаҳддори минтақаи Кӯлоб гузаронида шуд. Дар натиҷаи мониторинг, маълумотҳои нави илмӣ оид ба растаниҳои шаҳддори табиӣ ва киштшавандаи минтақаи Кӯлоб, хусусиятҳои паҳншавӣ ва захираи биологию экологии онҳо, инчунин мақсаднок истифода бурдан дар амалия бо асоснокӣ ба даст оварда шуд.

**Пешниҳод шудааст,** дар асоси таҳлили шароити экологии минтақа тавсияҳои зерин оид ба истифодаи захираи растаниҳои шаҳддори минтақаи Кӯлоб пешниҳод карда мешаванд:

- дар заминҳое, ки намудҳои асосии растаниҳои шаҳддиҳандаи минтақа мерӯянд, ба чаронидани чорво роҳ дода нашавад;

- роҳ надодан ба ҷамъоварии растаниҳои шаҳддори муҳимтарин. пайгирӣ ва ба назар гирифтани маҳалли сабзиши табиии онҳо;

**Исбот шудааст**, ки солҳои охир таъсири омилҳои анторопогенӣ ва тағйирёбии иқлим боиси таназзулёбии баъзе экосистемаҳо ва форматсияҳои набототот гардидааст. Дарахту буттаҳои ҷамоаофар дар ташаккул ва устувории ҷамоаҳои минтақа нақши асосӣ дошта, ҳолати экологии онҳо нишондиҳандаи муҳими устувории экосистемаҳои минтақа мебошад.

**Ҷорӣ намудани** натиҷаҳои назариявӣ ва амалии омӯзишро дар фаъолияти муассисаҳои ҳифзи муҳити зист, хоҷагиҳои ҷангал, мавзеҳои махсус муҳофизатшаванда, инчунин ҳангоми таҳияи барномаҳои мониторинг ва ҳифзи гуногунии биологӣ истифода мешаванд. Маводи илмии бадастомада дар раванди таълими фанҳои ботаника, геоботаника, экология ва самти ҳифзи муҳитим зист татбиқшаванда мебошад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо ин асоснок карда шудааст, ки:**

**исбот намудани** омӯзиши муқоисавии ҳамаҷонибаи мавҷудияти растаниҳои шаҳддиҳандаи худрӯй ва киштшавандаи минтақа гузаронида шуд, ки татбиқи худро дар соҳаи кишоварзии минтақаи Кӯлоб ва хоҷагиҳои хусусӣ пайдо карданд. Инчунин омилҳои муҳити беруна ва ботаникию географии минтақа ба популятсияҳои растаниҳои шаҳддиҳанда омӯхта шудааст. Маводҳои бадастовардаи муаллиф, маълумотро оид ба гуногунии растаниҳои фоидаовар пурра мегардонад. Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф оид ба ҳосили шаҳди намудҳои алоҳида бо мақсади истифода дар соҳаи занбӯрпарварӣ аҳаммияти амалӣ дорад. Консепсияи методологӣ оид ба истифодаи маҷмуи иқтидори растаниҳои шаҳддиҳандаи худрӯй ва киштшаванда тартиб дода шудааст.

Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранок

**истифода бурдани** усулҳои қабулшудаи геоботаникӣ, экологӣ ва таҳлили оморӣ эътимоднокии натиҷаҳоро таъмин карда, имкон дод, ки таркиб ва паҳншавии онҳо дар ин минтақа дақиқ муайян карда шавад;

**баён шудани** хусусиятҳои паҳншави ва ҳолати экологии растаниҳои шаҳддори минтақа имконият медиҳанд, ки қонуниятҳои ташаккул, сохтор ва тағйирёбии ҷамоаҳои набототи минтақа барои ҳифз ва истифодаи оқилонаи  захираҳои растаниҳои шаҳддор аз ҷиҳати илмӣ барраси карда шаванд.

**ошкор гардидани** қонуниятҳои ташаккул ва паҳншавии ҷамоаҳои дарахту буттагӣ вобаста ба шароити табиӣ ва дараҷаи таъсири омилҳои антропогенӣ;

**омӯхта шуданд** гузаронидани баҳодиҳии ҳамаҷонибаи растаниҳои шаҳддиҳандаи минтақаи Кӯлоб бо мақсади муайян намудани захираҳои биологӣ ва чорабиниҳо оид ба ҳифз ва оқилона истифодабарии онҳо мебошад.

**аз нав такмил додани:** усулҳои баҳодиҳии ҳолати экологии дарахт, бутта ва растаниҳои алафӣ дар асоси таҳлили комплексии нишондиҳандаҳои фитосенологӣ ва экологӣ; паҳншавии ҷамоаҳо вобаста ба намудҳои доминантӣ ва сохтори ҷамоаҳо.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешавад, ки: натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот метавонанд дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва ҷангалпарварӣ ва корҳои илмӣ истифода шавад.

коркард ва ҷорӣ карда шуданд тавсияҳои илмӣ оид ба ҳифз ва истифодаи оқилонаи захираи растаниҳои шаҳдори минтақаи Кӯлоб:

**муайян карда шуданд** намудҳои нодир ва осебпазири дарахт, бутта ва растаниҳои алафие,ки ба чорабиниҳои афзалиятноки ҳифз ниёз доранд:

**офарида шуд** заминаи илмӣ барои мониторинги минбаъдаи ҳолати экологии дарахт, бутта ва растаниҳои алафии минтақа;

**муаррифӣ карда шуд** тавсифи зиёда аз 88 намуди растаниҳои шаҳдори минтақаи Кӯлоб, ки метавонанд ҳангоми таҳияи харитаҳои геоботаникӣ ва экологӣ истифода шаванд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** нишон доданд, ки барои корҳои таҷрибавӣ:

**назарияҳои** муосири ботаника, геоботаника ва экология ҳамчун асоси методологӣ истифода шуданд;

**ғоя асоснок шудааст,** ки гуногунии намудӣ ва сохтори фитосенологии дарахт, бутта ва растаниҳои алафии шаҳдори минтақа бо омилҳои муҳит ва таъсири фаъолияти инсон алоқамандии зич доранд;

**истифода шудаанд** усулҳои саҳроии геоботаникӣ, таҳлили флоравӣ, систематикӣ, ареалогӣ ва омории натиҷаҳои бадастомада бо адабиёти пешин оид ба мавзуи диссератсия;

**муайян шудаанд** қонуниятҳои паҳншавӣ, сохтор ва ҳолати экологии намудҳои асосии дарахт, буттаҳо ва растаниҳои алафии шаҳдори минтақаи Кӯлоб;

**истифода карда шудаанд** маълумотҳои саҳроии солҳои 2018 2021, сарчашмаҳои илмии муътамад ва усулҳои илман қабулшуда, коркарди оморӣ, ки эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро таъмин менамоянд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:** ҷустуҷӯ ва таҳлили адабиёти илмӣ, истифодаи усулҳои таҳқиқот, ба даст овардан ва коркарди ҳамаи маводҳои таҳқиқоти илмӣ, шарҳи натиҷаҳо, омода ва нашр кардани мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳо шахсан аз тарафи муаллиф гузаронида шудаанд, инчунин дар таҳия ва тартиб додани мавқеъҳои асосӣ ва хулосаи диссертатсия иборат аст. Диссертатсия дар ҳаҷми 149 саҳифа таҳия шуда аз муқаддима, 5 боб, хулоса, феҳристи адабиёти истифодашуда, 24 расм, 23 ҷадвал иборат аст. Дар диссертатсия 158 адабиёт истифода шудааст, ки зиёда аз 120 адади онҳо ба забони хориҷӣ мебошанд.

Дар ҷаласа 20-уми августи соли 2026 шурои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Мирзозода Сулаймон Мадислом бо дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 13 - нафар иштирок доштанд, аз ҷумла доктoрони илм 4 - нафар, аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 16 - нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, 13 - нафар иштирок доштанд ва овоз доданд: тарафдор – 13, муқобил нест, бетараф нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои
диссертатсионӣ д.и.б.,
профессор, академики АМИТ Якубова М.М.

Котиби шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои биологӣ,
дотсент Ҳамидзода Х.Н.

20.08.2026